**Қарори № 11** аз 04 сентябри соли 2020

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба қабули рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (дар маводи омӯзиши забони англисӣ)" барои ҳимоя

**Раис:** Аз шумораи умумии 19 нафари аъзоёни шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 оид ба додани дараҷаҳои илмии номзад ва доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси - 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) -и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, ки аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 15, аз 27 апрели соли 2017 тасдиқ шудааст, 15 нафар аъзо иштирок доранд, аз онҳо 8 нафар докторон аз рӯйи ихтисос мебошанд. Оид ба оғоз намудани ҷаласа пешниҳод ҳаст?

Пешниҳод шуд, ки шӯро ба кор оғоз намояд. Кӣ тарафдори он, ки шӯро кори худро оғоз намояд, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф- нест. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**Рӯзнома**:

Оид ба қабули рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (дар маводи омӯзиши забони англисӣ)" барои ҳимоя.

Кӣ тарафдори рӯзномаи ҷаласа, хоҳишмандам овоз диҳед. Рӯзнома якдилона қабул шуд.

Барои пешниҳоди хулосаи комиссияи экспертӣ ба рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи "Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (дар маводи омӯзиши забони англисӣ)"сухан ба раиси комиссияи экспертӣ д.и.п., профессор Файзализода Ҷ.Х. дода шуд.

**Файзализода Ҷ.Х.**: Комиссияи экспертӣ дар хулосаи худ қайд намудааст, ки доираи таҳқиқоти рисолаи диссертатсионии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи **“**Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти касбӣ (дар маводи омӯзиши забони англисӣ)” ба иҷозатномаи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забонҳои хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст. Рисола ба талаботҳои муқарраргардидаи КОА - и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рисолаҳои номзадӣ, ки дар бандҳои 12, 13, 14, 15- ва 16-и Низомномаи Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, № 505 “ Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)” ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя ба шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-001 тавсия дода мешавад.

**Раис: О**ид ба хулосаи экспертӣ ба раиси комиссияи экспертӣ савол доред? Савол нест.

**Раис:** Ташаккур. Лозим аст, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбарро ба диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна муайян ва таъин намоем. Чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо ҳастанд?

Пешниҳод гардид, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ шахсони зерин таъин карда шаванд:

**Гулмадов Файз -** доктори илмҳои педагогӣ, мутахасссиси пешбари Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Наврӯзшоев Баҳридин Хушолоевич-** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хисрав.

**Раис:** Кӣ тарафдори пешниҳоди мазкур, хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Пешниҳод якдилона қабул гардид. Ташаккур.

**Раис:** Пешниҳод гардид, ки ҳимояи рисолаи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна санаи 26 декабри соли 2020, соати 10.00 таъин гардида, барои чопи автореферат иҷозат дода шавад. Хоҳишмандам овоз диҳед.

Тарафдор? – 15 нафар.

Муқобил? – нест.

Бетараф? – нест.

-Якдилона қабул шуд.

**Раис:** Ташаккур. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ оид ба қабул ба ҳимояи диссертатсияи номзадии Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ** **Сайфуллоев Х.Ғ.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ** **Дадобоева М.С.**